# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

ба диссертатсияи Ҳаитматов Фарҳод Холиқулович дар мавзуи «Хониши мустақилона ҳамчун воситаи ғанигардонии захираи луғавии хонандагони синфҳои болоӣ аз забони англисӣ (дар шароити МТМУ Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (методикаи таълими забони англисӣ) (13.00.02.04 – Назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ)

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Даҳсолаҳои охир, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳаввулоти назаррас дар соҳаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ба амал омада, яке аз самтҳои афзалиятноки рушди миллӣ – низоми маориф ва таълими илмҳои муосир ба шумор меравад. Дар ин замина, омӯзиши забонҳои хориҷӣ, махсусан забонҳои русӣ ва англисӣ, ҳамчун ҷузъи муҳими сиёсати маорифӣ ва фарҳангии давлат, зери таваҷҷуҳи пайвастаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад.

Сиёсати забономӯзии кишвар, ки аз ибтидои солҳои 2000-ум бо дастгирии бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҳандозӣ гардидааст, дар шакли барномаҳои давлатӣ (солҳои 2004-2014; 2015-2020; 2020-2030) ва санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, аз ҷумла Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 марти соли 2024, таҳти №795, ифода меёбад. Ин ҳуҷҷатҳо зарурати баланд бардоштани сатҳи забондонии шаҳрвандонро ҳамчун омили калидии ҳамгироии илмӣ, касбӣ ва иқтисодӣ муқаррар мекунанд.

Ҳамзамон, бо ташаббуси Пешвои миллат озмунҳои ҷумҳуриявии “Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст”, “Илм – фурӯғи маърифат”, “Тоҷикистон – Ватани азизи ман” муҳитеро ба вуҷуд овардаанд, ки дар он ҷавонон ба омӯзиши амиқи забонҳои хориҷӣ, мутолиаи асарҳои бадеӣ ва илмӣ, ва рушди тафаккури луғавию маърифатӣ ҷалб карда мешаванд.

Бо назардошти равандҳои ҷаҳонишавӣ, рушди бозори меҳнат ва зарурати омода намудани мутахассисони рақобатпазир, масъалаи таъмини сатҳи кофии забондонӣ, махсусан дар зинаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, аҳаммияти хоса касб мекунад. Бо вуҷуди талошҳо ва ислоҳоти ҷорӣ, ҳанӯз ҳам мушкилоти ҷиддӣ дар сатҳи забондонии хонандагони мактабӣ ба назар мерасанд. Пеш аз ҳама, маҳдудияти захираи луғавӣ, душворӣи истифодаи дурусти грамматика ва маҳорати суст дар нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ мушоҳида мегардад.

Дар чунин шароит, таҳқиқоти Ҳаитматов Фарҳод Холиқулович, ки «Хониши мустақилона ҳамчун воситаи ғанигардонии захираи луғавии хонандагони синфҳои болоӣ аз забони англисӣ (дар шароити МТМУ Ҷумҳурии Тоҷикистон)» унвон гирифтааст, на танҳо масъалаи мубраму саривақтӣ, балки ҷавобгӯ ба ниёзҳои воқеии низоми маорифи кишвар мебошад.

Масъала ва мавзуи таҳқиқот дар татбиқи нақшаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии яке аз кафедраҳои ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода ва барномаҳои соҳавии давлатӣ, консепсияҳои миллӣ ва нақшаҳои стратегӣ мусоидат менамояд.

**Мақсади таҳқиқот** – асосноккунии назариявӣ ва санҷиши амалии методҳои ташкили хониши мустақилона аз забони англисӣ бо мақсади ғанигардонидани захираи луғавии хонандагони синфҳои болоӣ дар МТМУ Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Объекти асосии таҳқиқоти** диссертант раванд ва механизмҳои ташкили хониши мустақилона ҳамчун воситаи ғанигардонии захираи луғавии хонандагони синфҳои болоӣ ҳангоми омӯзиши забони англисӣ дар шароити муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бар мегирад.

**Предмети таҳқиқот** шароитҳои педагогии самараноки ташкил ва роҳандозии чунин навъи фаъолият мебошад, ки ҳадафи он баланд

бардоштани сатҳи дониши луғавии хонандагон ва такмили маҳоратҳои забонӣ тавассути хониши мустақилона аст.

Муаллиф **фарзияи илмии тадқиқот**ро чунин матраҳ менамояд: рушди босифати захираи луғавии хонандагон тавассути хониши мустақилона танҳо дар ҳолате имконпазир аст, ки:

- таҷриба ва дастовардҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ дар ин самт мавриди омӯзиш ва таҳлили амиқ қарор гиранд;
- хониш ҳамчун унсури ҷудонопазири раванди таълими забони англисӣ баррасӣ ва таҳқиқ шавад;
- мақом, намудҳо ва меъёрҳои интихоби матнҳои англисӣ барои хониши мустақилона дар зинаи таҳсилоти миёнаи умумӣ дақиқ муайян гарданд;
- вобаста ба усулҳои муассири ташкили хониши мустақилона, маводҳои таълимӣ-методӣ ва маҷмӯи машқу супоришҳо дар заминаи матнҳои аутентикӣ таҳия ва ҷорӣ шаванд;
- самаранокии усулҳои пешниҳодшуда тавассути озмоиши таҷрибавӣ дар муҳити воқеии таълимӣ санҷида ва натиҷаҳои он асоснок гарданд.

Давраи таҳқиқот **се марҳила** (***марҳилаи якум*** – муқарраркунанда (солҳои 2020-2021) таҳлил ва муайянсозии мушкилоти масъалаи таҳқиқ, омӯзиши назариявии ҷанбаҳои гуногуни мавзуи таҳқиқот; ***марҳилаи дуюм*** – ташаккулдиҳанда (солҳои 2022-2023) асоснок намудани назарияи методика ва тарзи ташкили хониши мустақилона аз забони англисӣ бо мақсади ғанигардонии захираи луғавии хонандагони синфҳои болоӣ аз забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ; ***марҳилаи сеюм*** – ҷамъбастӣ (солҳои 2023-2024) таҳлилу баррасӣ, ҷамъбаст, омодасозии натиҷаҳои озмоиш, пешниҳоди тавсияҳо ва хулосаҳо аз натиҷаи таҳқиқот)-ро дар бар мегирад.

**Навоварии** асосии тадқиқот дар он ифода меёбад, ки нахустин бор дар доираи методикаи таълими забони англисӣ ва илми педагогикаи

ватанӣ масъалаи истифодаи тарзу усулҳои муосири ташкили хониши мустақилона ҳамчун воситаи ғанигардонии захираи луғавии хонандагони синфҳои болоӣ дар шароити муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқи мукаммали илмӣ қарор гирифтааст.

Диссертант на танҳо равишҳои ташкили ин равандро амиқ таҳлил намудааст, балки маҷмӯи талаботҳои мушаххас ва усулҳои асосноки интихоб, коркард ва истифодаи матнҳои англисӣ барои хониши мустақилонаро пешниҳод кардааст. Ҳамчунин, маҷмӯи машқу супоришҳо дар асоси матнҳои хондашуда таҳия гардидаанд, ки татбиқи онҳо дар амал метавонад ба таври назаррас рушди салоҳиятҳои муоширатии хонандагонро таъмин намояд.

Нуқтаҳои зерин аз ҷониби диссертант ба ҳимоя пешниҳод мегардад:

1. ***Зарурати принсипҳо ва усулҳои мушаххас.*** Ташкили самараноки хониши мустақилона талаб менамояд, ки принсипҳои муайян ва усулҳои кор бо матн ба таври мақсаднок ҷорӣ шаванд. Иҷрои дурусти ин раванд ба такмили нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ, васеъшавии ҷаҳонбинӣ ва ғанигардонии тафаккури хонандагон мусоидат мекунад. Хониши мустақилона, ҳамчун фаъолияти инфиродӣ, ба шогирдон имконият медиҳад, ки нутқи равон ва бехатои муоширатӣ дошта, захираи калимавию ибораҳо, истилоҳот ва воҳидҳои фразеологиро фаъолона истифода баранд.

2. ***Меъёрҳои интихоби матн ва муҳити таълимӣ.*** Барои татбиқи амалии усулҳо ва роҳҳои кор бо матн, интихоби маводи гуногунжанр, дорои мазмуни наздик ба шавқу рағбат ва сатҳи дарки хонандагон муҳим аст. Тарҷума, кор бо луғати нав, иҷрои машқу супоришҳо, муҳокима ва саволу масъалагузорӣ ба рушди тафаккури интиқодӣ ва фаъолнокии забонӣ мусоидат менамояд. Фароҳам овардани муҳити забонӣ дар синф ба иштироки фаъолонаи ҳамаи хонандагон, новобаста аз сатҳи забондониашон, имкон медиҳад.

3. ***Таҳия ва истифодаи маводи таълимӣ.*** Меъёрҳои ҳаҷми луғат, ҳадди ақали лексика, тарзи кор бо матн ва низоми машқҳои таҳиягардида имконият медиҳанд, ки дастурҳои таълимӣ-методӣ барои гурӯҳҳои синнусолии дигар низ омода ва дар ҷараёни таълими забонҳои хориҷӣ истифода шаванд.

4. ***Пайдарҳамии мантиқӣ ва натиҷабахшӣ.*** Талабот ва усулҳои пешниҳодшуда метавонанд на танҳо ташкили босамари хониши мустақилона ва ғанигардонии захираи луғавиро таъмин намоянд, балки ба таври умум самаранокии ҷараёни таълими забони англисиро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ баланд бардоранд.

**Саҳми шахсии унвонҷӯ** дар он ифода меёбад, ки мустақилона аз манбаъҳои муътамади илмӣ, оморӣ ва иттилоотии чопӣ ва электронӣ, асосан солҳои охир, истифода намудааст. Мавзуи таҳқиқот ба таври амиқ мавриди омӯзиш ва таҳлили илмӣ қарор гирифта, фарзияи кор тавассути ташкили озмоиши таҷрибавӣ асоснок карда шудааст. Ҷалби андешаҳо ва таҷрибаи на танҳо олимони ватанӣ, балки муҳаққиқони Аврупо ва Амрико гувоҳи он аст, ки масъалаи мавриди таҳқиқ бо диди васеъ ва дурандешона баррасӣ шудааст.

Дар марҳилаи коркарди маводи амалии таҳқиқот диссертант бо омӯзгорони забони англисии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, инчунин бо мутахассисону олимони соҳа ҳамкорӣ намуда, хусусиятҳои миллӣ ва шароити воқеии мактабҳои кишварро ба инобат гирифтааст.

Муаллиф барои шинос кардани ҳамкасбон бо мавзуи таҳқиқ ва зарурати ташвиқи хонандагон ба худомӯзӣ ва хониши мустақилона, бо маъруза дар чорабиниҳои таълимӣ, семинару конференсияҳои донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ баромад кардааст.

**Интишороти нашршуда.** Аз рӯйи мавзуъ 1 дастури таълимӣ-методӣ ва 15 мақолаи илмӣ ба нашр расидаанд, ки 3-тои онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд. Маводи таҳқиқотӣ дар раванди дарсҳои забони англисии

муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии минтақаҳои гуногуни кишвар татбиқ гардидааст.

**Сохтори кор.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулосаҳои ҳар боб, хулосаи умумӣ ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат буда, дар ҳаҷми 178 саҳифа таҳия шудааст. Кори илмӣ 9 ҷадвал ва 6 диаграммаро дар бар гирифта, рӯйхати адабиёт 180 сарчашмаро фаро мегирад.

**Боби якум** бо унвони «*Асосҳои назариявии ташкили хониши мустақилона аз забони англисӣ дар синфҳои болоӣ*» ифтитоҳ ёфта, заминаҳои назариявию методологӣ ва асосҳои илмии мавзуи таҳқиқотро фаро мегирад. Дар ин боб таваҷҷуҳи махсус ба баррасии андешаҳо ва назарияҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба нақши хониши мустақилона дар ҷараёни омӯзиши забони англисӣ равона шудааст. Муаллиф ҷойгоҳи хониши мустақилонаро ҳамчун унсури муҳими фаъолияти таълимӣ нишон дода, робитаи мустақими онро бо ғанигардонии фонди луғавӣ, тавсеаи тафаккур ва такмили маҳоратҳои нутқии хаттӣ ва шифоҳии хонандагони синфҳои болоӣ шарҳ медиҳад. Ин боб инчунин муҳокимаи хусусиятҳои лингвистӣ ва психолингвистии раванди азхудкунии луғат тавассути хониши мустақилонаро дар бар мегирад.

**Боби дуюм**, ки «*Методҳо ва тарзи ташкили хониши мустақилона аз забони англисӣ бо мақсади ғанигардонии захираи луғавии хонандагони синфҳои болоӣ*» унвон дорад, бахши амалии таҳқиқот маҳсуб ёфта, асосҳои назариявии пешгузоштаро инъикос менамояд. Дар ин қисмат унвонҷӯ ба таҳияи меъёрҳо ва талаботҳои илмӣ-методӣ барои интихоби матнҳои хониши мустақилона таваҷҷуҳи хоса зоҳир намудааст. Муаллиф система ва пайдарҳамии машқу супоришҳоеро, ки барои густариши захираи луғавии хонандагон заруранд, муфассал шарҳ дода, намунаҳои амалӣ ва тавсияҳои методиро пешниҳод кардааст. Ин боб хусусиятҳои интихоби маводи аслӣ, мутобиқгардонии онҳо ба сатҳи забондонии хонандагон ва роҳҳои баланд бардоштани шавқу ҳаваси таълимиро дар бар мегирад.

**Боби сеюм** бо унвони «*Ташкили озмоиши таҷрибавӣ ва таҳлили натиҷаҳои он*» ба арзёбии амалии фарзияи таҳқиқот бахшида шудааст. Дар ин қисмат, натиҷаҳои таҷриба тавассути ҷадвалу диаграммаҳо бо тавзеҳоти муфассал пешниҳод гардидаанд. Муаллиф марҳилаҳои омодагӣ, татбиқ ва таҳлили таҷрибаро пайдарпай нишон дода, таъсири усул ва методҳои пешниҳодшуда ба сатҳи захираи луғавӣ ва маҳоратҳои нутқии хонандагонро арзёбӣ намудааст. Пайвастагии мантиқӣ байни қисматҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот, инчунин асосноккунии хулосаҳои илмӣ, далели муваффақияти озмоиши таҷрибавӣ мебошад.

**Эродҳо ва баъзе тавсияҳо ба диссертатсия:**

1. Дар ҷараёни таҳияи диссертатсия, муаллиф аз доираи васеи адабиёт истифода бурда, масъалаҳои гуногуни марбут ба хониш, аз ҷумла шаклҳои он дар зинаҳои гуногуни таҳсилот (хониши синфӣ дар синфҳои поёнӣ ва миёна, хониши хонагӣ, хониши мустақилона дар синфҳои болоӣ) муфассал баррасӣ намуда, бештар ба асарҳои олимони рус, англис ва хориҷӣ такя кардааст. Бо вуҷуди ин, агар саҳми олимону муҳаққиқони тоҷик, аз қабили Ф. Шарифзода, Х.Ғ. Сайфуллоев, С.Н. Алиев, Ф. Гулмадов, М.М. Ҳоҷиматова ва дигарон бо иқтибосҳои мустақим ва таҳлили амиқ бештар инъикос мегардид, арзиши илмии кор боз ҳам боло мерафт.
2. Дар баъзе қисматҳои рисола пайванди мантиқӣ ва гузаришҳои забонӣ миёни фаслҳо ва зерфаслҳоро метавон боз ҳам саҳеҳтар ва мувофиқ ба талаботҳои услуби илмӣ тарҳрезӣ намуд. Илова бар ин, дар матни диссертатсия баъзе қисматҳои он дорои иқтибосҳои пайи ҳам ва зиёд дорад.
3. Ҳаҷми зербобҳо дар баъзе ҳолатҳо аз 10-11 саҳифа ва дар дигар ҳолатҳо зиёда то 25 саҳифа мебошанд, ки мувофиқ намудани онҳо ба як қолаби мутаносиб метавонад ба мақсад мувофиқ аст.

Бояд зикр намуд, ки камбудиҳои зикршуда ислоҳпазир мебошанд ва арзиши илмии таҳқиқоти мазкурро кам намекунанд.

Хулоса, диссертатсияи Ҳаитматов Фарҳод Холиқулович кори ба итмомрасидаи илмӣ-таҳқиқотии буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона дар сатҳи хуби илмӣ ба иҷро расидааст. Бо иҷрои вазифаҳои муайяншуда унвонҷӯ ба ҳадафи гузошташудаи таҳқиқоти диссертатсионӣ расидааст.

Диссертатсияи Ҳаитматов Фарҳод Холиқулович таҳти унвони «Хониши мустақилона ҳамчун воситаи ғанигардонии захираи луғавии хонандагони синфҳои болоӣ аз забони англисӣ (дар шароити МТМУ Ҷумҳурии Тоҷикистон)» ба талаботҳои КОА Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (методикаи таълими забони англисӣ) (13.00.02.04 – Назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ) мебошад.

**Муқарризи расмӣ**,
номзади илмҳои педагогӣ,
дотсент, декани факултети
филология ва рӯзноманигории
Донишгоҳи давлатии Дарғара — Зикруллоҳзода Фарҳод Зикруллоҳ

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
н. Данғара, Маҳалаи 7,
Тел.: +992 988 12 51 56
Суроғаи эл.: farxod-xasanov@inbox.ru

Имзои н.и.п., и.в.дотсент Ф.З.Зикруллоҳзода-ро
тасдиқ мекунам: Сардори шуъбаи кадрҳо ва
корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии Данғара — Тоирзода С.Т.

ШУЪБАИ КАДРҲО

1.09.25

Суроға: 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
н. Дарғара, кӯч. марказӣ 25,
Донишгоҳи давлатии Дарғара,
Тел.: (+992) 83312 2-28-06
Сомона: http://www.dsu.tj
Суроғаи эл.: E-mail: dddangara_2013@mail.ru